**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ**

**КАФЕДРАИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ ВА ИНФОРМАТИКА**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ ВА НАҚШАКАШӢ

**ДУШАНБЕ – 2024**

Бо қарори шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз 30. 09. 2024, №9/8 - 44 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттибон:**

**Одинаев А. Р. -** Мудири кафедраи таҳсилоти касбӣ ва информатика, номзади илмҳои фалсафа, дотсент.

**Абдуллоев И. З. -** Омӯзгори калони кафедраи таҳсилоти касбӣ ва информатика

**Муҳаррир:**

**Одинаев А. Р. -** Мудири кафедраи таҳсилоти касбӣ ва информатика, номзади илмҳои фалсафа, дотсент.

**Муқарризон:**

**Нодиров Б. -** Мудири шуъбаи хадамоти методии таҳсилоти умумии Маркази ҷумхуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Суриева Ш. -** Ходими пешбари илмии шуъбаи фанҳои технология (таълими меҳнат), тарбияи ҷисмонӣ, омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаи таълимию китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ.

Барномаи таълимии мазкур дар асоси стандартҳои фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ таҳия карда шудааст.

Дар барномаи мазкур оид ба навгониҳо, роҳҳои мувофиқи истифодабарии усулҳои фаъоли муосири таълим, технологияи инноватсионӣ, эҷодкории хонандагон дар замони муосир, истифодабарии тестҳо дар ҷараёни таълим ва корҳои инфиродӣ дар таълими босалоҳият аҳамияти махсус дода шудаст.

# Пешгуфтор

Татбиқи навгониҳои муосири сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккулу азнавсозии усули сохторию таълими замонавии муассисаи таълимӣ, салоҳияти касбии омӯзгорону кормандони соҳаро тақозо намуда, аз ҳамаи субъектҳо на танҳо тайёр будан, балки дорои маҳорати баланди фаъолияти касбӣ будан ва дарёфти роҳҳои такмилдиҳии муосиру мувофиқро талаб дорад.

Мушоҳидаю таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки модели мавҷудаи такмили ихтисос талаботи пурраи омӯзгоронро ба такмилдиҳии доимии ихтисос бо истифода аз шаклу методҳои номутаносиб дар фаъолияти педагогӣ таъмин карда наметавонанд. Бинобар ин, зарурати таҷдиди назар намудан ва азнавсозии барномаҳои такмили ихтисос ба миён омадааст. Барои ташаккули босамараи рақобатпазирӣ зарур аст, ки омӯзгор бо донишҳои назариявӣ ва методологияи асосҳои таълимии фан, моҳият, мақсад ва технологияи таълиму тарбия мусаллаҳ бошад. Дар ин самт таҳияи барномаҳои таълимии ба салоҳиятноки нигаронидашуда муҳим ва зарур мебошад.

Барномаи мазкур ба фаъолияти эҷодӣ, аз ҷумла лоиҳавӣ, коромӯзӣ, рушди салоҳияти касбӣ ва маҳорати педагогӣ асос ёфта, фарогирии фаъолияти бонизому муосиркунонӣ ва ташаккули маҳорати касбии омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ бо истифода аз усулҳои инноватсионӣ таҳия гардида, аз нуқтаи илмӣ асоснок карда шудааст.

Дар шароити муосир таълими фанни санъати тасвирӣ ва накшакашӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавқеи махсусро касб намуда, он ташаккул ёфтани тафаккури ҷаҳону муҳитшиносии хонандагон нигаронида шудааст, ки ин ба омӯзгорони соҳибмаълумоту соҳибтахассус вобастагӣ дорад. Маҳорати касбии омӯзгорони соҳавӣ бошад, ба такмили маҳорати касбии онҳо алоқаманд аст, ки ин маҳз тавассути такмили ихтисос амалӣ мегардад.

Ташаккули малака ва маҳорати касбии омӯзгорон, шинос намудаи онҳо бо навигариҳоии мазмуну мӯҳтавои фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ, роҳу усулҳои нави таълим, методикаи умумӣ ва тахассусии таълими фан дар синфҳои алоҳида бо

истифодаи усулҳои иноватсионии таълим, муносибати салоҳиятнокӣ ва истифодаи методҳои таълимӣ арзёбӣ вобаста мебошад.

## Мақсади барномаи таълимӣ

Шунавандагони курс дар ҷараёни таълим оид ба сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, санадҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, дастовардҳои нави илми педагогика ва психология, методткаи таълими фан, экология, ҳифзи табиат ва ҳоказо донишҳои худро такмил дода, истифодаи техника ва технологияи иноватсиониро низ аз худ мекунанд.

Барнома дар асоси таълими босалоҳият ва истифодаи методҳои интерактивӣ таҳия гардида, усулҳои таълимии гуногунро дар бар мегирад. Донистани ин усулҳо ба омӯзгор имконият медиҳад, ки дар таълими ин ё он мавзӯъ усулеро интихоб намояд, ки дониш маҳорат, малака ва салоҳиятнокии хонандаро мукаммал намояд.

Хусусиятҳои хоси методикаи таълими санъати тасвирӣ ва накшакашӣ муосир фавран воридкунонидани ғояҳои нави (навовариҳои) психологӣ ва дидактии таълим мебошад. Аз ин рӯ, дар барнома ба таҳлили фаъолияти маърифатии хонандагон (бо истифодабарии методҳои гуногуни таълими санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ) ва фаъолгардонии онҳо диққати махсус дода шудааст.

Мазмун ва мундариҷаи барномаи мазкур аз қисмҳои зерин иборат мебошад:

- шиносоии омӯзгорон бо навигариҳо, вазифа ва мазмуни курси санъати тасвирӣ синфҳои 5-7 ва нақшакашӣ синфҳои 8-9;

-хусусият, щакл ва методҳои ташкили машғулиятҳои таълимӣ дар зинаҳои гуногуни омӯзиши фан;

-истифодаи имкониятҳои курси санъати тасвирӣ ва накшакашӣ дар ҳалли масъалаҳои маърифатӣ ва техникӣ;

-роҳои амалигардонии донишҳои назариявӣ дар амалия;

-робитаи фанни санъати тасвирӣ ва накшакашӣ бо дигар фанҳои таълимии муассисаи таълимӣ;

-истифодаи технологияи информатсионӣ-комуникатсионӣ дар дарсҳои амалӣ;

-ташакули салоҳият ва маҳорати касбии омӯзгор;

-дидактикаи ҷараёни таълим ва методикаи хусусии таълими фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ дар муассисаи таълим.

**Мақсади таълим** - мақсадҳои мушахасси таълимиеро, ки барои ҳосили шудани салоҳияти муайян равона шудаанд, дар бар мегирад;

**Мавзуъ ва мундаричаи таълим** - дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷае, ки тавассути аз худ кардани онҳо омӯзгор ба мақсади таълим додан ноил гашта, ба ин восита салоҳияти муаянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд;

**Фаъолияти таълим** - аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути он мавзӯъ ва мундариҷа аз худ карда шуда, таҳлилу баррасӣ меёбанд иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

**Вақт** - вақти эҳтимолие, ки барои ноил гаштан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод гардидааст.

Дар барнома номгӯи адабиёти истифодашаванда марбут ба мақсаду масъалаҳои таълим тавсия дода шудаанд.

Музмуни барнома ба сатҳи такмили дониши шунавандагон мувофиқ карда шуда, дар асоси талаботи салоҳияти касбии омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва накшакашӣ таҳия гардидааст.

*Аз шунавандагони курс хоҳиш карда мешавад, ки дар ҳолати зарурӣ фикру ақидаашонро дар бобати барнома ва суроғаи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маориф ирсол намоянд.*

## Талаботи барнома

Шунавандагони курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшақашӣ дар анҷоми курс салоҳиятҳои зеринро ташаккул дода метавонанд:

-сиёсати давлатро дар соҳаи маориф шарҳ дода, фаъолияти таълимро дар асоси он ба роҳ монда метавонанд;

-навгониҳои дар соҳаи педагогика ва психология омухтаашонро амалан татбиқ карда метавонанд;

-мақсад ва мазмуни стандарти давлатии таълими фанни санъати тасвирӣ ва нақшакаширо шарҳ дода, дар асоси он барномаи таълимӣ, нақшаи тақвимӣ ва дарс таҳия карда метавонанд;

-усулҳои таълим ва омӯзиши интерактивиро донистa, муносибату воситаҳои онро дар амал татбиқ карда метавонанд;

-ҳангоми арзёбии фаъолияти таълимии хонандагон аз усулу воситаҳои гуногуни арзёбӣ истифода бурда метавонанд;

-асосноккунии мафҳум ва ҳодисаҳоро дар таълими мавзӯъҳои санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ мутобиқи талаботи стандарт ва барномаи таълимии ба муносибати салоҳиятнокӣ нигаронидашуда ба роҳ монда метавонанд;

-мавзӯъҳои санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ бо масъалаҳои ҳаёти алоқаманд карда метавонанд.

Азхудкунии барнома тавассути санҷиши тестӣ ба воситаи компютер арзёбӣ карда мешавад.

Талаботи ба сатҳи тайёр намудани шунавандагон:

Пас аз хатми курс шунавандагон бояд:

- моҳияти сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф;
- талаботи Стандарти давлатии таълим ба салоҳияти касбии омӯзгор;
- асосҳои назариявӣ ва амалии психологияи педагогӣ;
- истифодаи технологияи иноватсионӣ дар омӯзиши фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ;
- моҳият, хусусиятҳо ва усулҳои татқиқоти илмиро донад.

**Салоҳиятҳои зеринро бояд соҳиб шавад:**

- таҳлил карда тавонистани фаъолияти касбии худ бо мақсади такмил ва бардоштани малакаи касбӣ;
- мониторинги сифати дониши хонандагонро гузаронида тавонад;
- фаъолияти мустақилонаи хонандагонро ҳангоми кор бо «Технологияи информатсионӣ - комуникатсионӣ» ба роҳ монда тавонанд;
- барномаҳои таълимии иловагии фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ ва ба нақшагирии дарсҳоро дар асоси технологияҳои инноватсионӣ тартиб дода, арзёбӣ намояд;

- саволномаҳои аттестатсияи ҷамъбастӣ (рейтинг, санҷиш, имтиҳон), олипиада ва викторинаро мустақилона аз фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ тартиб дода, омода намояд;

-маводи таълимӣ-методӣ ва дидактики оид ба таълими фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ бударо бо истифода аз ТИК таҳия карда тавонад;

-дар асоси донишҳои назариявӣ тадқиқот гузаронида тавонад.

**Малакаҳои зеринро бояд дошта бошад:**

- технологияи муосири педагогии таълими фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ;

-истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои ҳалли барномаҳои касбӣ;

-методологияи тарҳи истифодаи КИТ дошта бошад.

**Нақшаи**
**таълимии курси такмили ихтисоси санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ**

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1. | Тахассус, такмили маҳорати касбӣ | 36 | 14 | 22 |
| 2. | Менеҷменти сиёсӣ | 2 | 2 | - |
| 3. | Педагогика ва психологияи касбӣ | 6 | 2 | 4 |
| 6. | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 2 | 2 |
| | **Ҳамагӣ** | 48 | 19 | 29 |

**Нақшаи**
**тақвимии курси такмили ихтисоси санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ**

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| **I** | **Тахассус, методикаи таълими фан** | **36** | **14** | **22** |
| 1.1 | Мақсад ва моҳияти стандарти фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ. | 2 | 2 | - |
| 1.2 | Таҳсилоти муосир. Салоҳиятҳо ва муносибати салоҳиятнок | 2 | 1 | 1 |
| 1.3 | Мақсаду вазифаҳои барномаи таълимӣ ва нақшаи таълимии фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ | 2 | 1 | 1 |
| 1.4 | Истифодаи воситаҳои техникии таълим ва айёниятҳо дар дарси муосир | 2 | 1 | 1 |
| 1.5 | Усулҳои хондану иҷрои нақшаҳо ва эскизҳо | 4 | 2 | 2 |
| 1.6 | Методикаи таълими санъати тасвирӣ дар синфҳои алоҳида | 4 | 1 | 3 |
| 1.7 | Методикаи таълими нақшакашӣ дар синфҳои алоҳода | 2 | 1 | 1 |
| 1.8 | Техникаи иҷрои нақшаҳо ва ороишӣ онҳо | 2 | 1 | 1 |
| 1.9 | Нақша дар системаи проэксияҳои росткунҷа | 8 | 4 | 4 |
| 1.10 | Проексияи аксонометрӣ. Хондан ва иҷрои нақшаҳои бинокорӣ | 2 | 1 | 1 |
| 1.11 | Асбобҳои ченкунанда ва усулҳои андозагирӣ | 6 | 1 | 5 |
| | **Ҳамагӣ** | **36** | **14** | **22** |

**Мавзӯи 1. Мақсад ва моҳияти стандарти фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ. (2 соат - назариявӣ)**

Дар фасли мазкур омӯзгорон тавассути фаъолиятҳои гуногуни таълим бо мақсад ва мазмуни стандарти фанҳои санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ нуҷум барои таҳсилоти умумӣ ва зарурати он шинос буда, баррасӣ менамоянд. Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Моҳияти стандарти фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ.

**Омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд:** Низом ва таркиби таҳсилоти миёнаро дар раванди таълим ворид менамояд, Стандартҳои меъёри - ҳуқуқиеро, ки таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низом медароваранд, меомӯзад ва истифода менамояд, қонунҳоро риоя мекунад ва дар фаъолияти худ масъул аст, мутобиқати стандарти фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ ба стандартҳои мутақобили мамлакатҳои дигари пешрафтаро дарк мекунад, мазмуну муҳтавои дарсро вобаста ба қобилияти хонандагон мутобиқ месозад.

**Мавзӯи 2. Таҳсилоти муосир. Салоҳиятҳо ва муносибати салоҳиятнок (1- соат назариявӣ, 1 - соат амалӣ)**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд:**

Барои рушди салоҳиятҳои хонандагон шароити заруриро фароҳам меоварад, мутобиқ ба талаботи ихтисос ва рушди фикрронии корнитивии (техникӣ, эҷодӣ ва эҳсосотӣ) хонандагон мусоидат менамояд, ба рушди салоҳиятҳои хонандагон дар соҳаҳои гуногуни дониш (идрок) мусоидат менамояд. (тағйирот дар соҳаи дониш, одатҳо рафтор ва муносибат ба олами беруна), низомӣ таълими салоҳиятнокиро дар раванди таълим ҷорӣ менамояд.

**Мавзӯъ 3. Мақсаду вазифаҳои барномаҳои таълимӣ ва нақшаи таълимии фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ (1 - соат назариявӣ, 1 - соат амалӣ)**

Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти

умумӣ. Меъёр, талабот, мақсадҳо ва вазифаҳои барномаи таълимии фанни санъати тасвирӣ, нақшакашӣ ва барномаи таълимии муассисаи таълимӣ.

Омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд: нақшаи таълимиро медонад, стандарт ва барномаҳоро таҳлил карда метавонад, зарурати навсозии барномаи таълимиро дарк мекунад, зарурати таҳияи китобҳои насли нав аз фанни санъати тасвирӣ ва нақшаро мефаҳмад, оид ба таҳияи нақша ва барномаҳои таълими тасаввурот дорад, корро тибқи нақша ва барномаҳои таълимӣ ташкил мекунад, дар амалишавии нақша ва барномаҳои таълими ва такмили онҳо иштирок менамояд.

**Мавзӯи 4. Истифодаи воситаҳои техникии таълим ва аёниятҳо дар дарси муосир. (1- соат назариявӣ, 1- соат амалӣ)**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.** Маводҳои тақсимотӣ (МТ) ва талаботҳои ороишдиҳии онҳо, воситаи аудио - визуалии иттилоот, истифодабарии асбобҳои айёнӣ, энерҷейзер (нерӯдиҳандаҳо, бозиҳои шавқовар).

Омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд: Зарурияти истифодабарии МТ дар раванди таълимро медонад, МТ - ро бо сифат тайёр карда метавонад, навъҳои гуногуни МТ - ро дар ташкили фаъолияти таълимӣ истифода менамояд (диаграммаҳо, нақшаҳо, расмҳо, харитаҳои технологӣ, матнҳо, тезисҳо ва ғайра), афзалият ва камбудиҳои маводи тақсимотиро ҳамчун усули таълим медонад ва мефаҳмад, барои расидан ба ҳадафҳои таълими шабакаҳои технологияи иттилоотиро ташкил менамояд, воситаҳои гуногуни аудио - визуалиро медонад ва дар раванди таълим самаранок истифода мебарад (слайдҳо, наворҳо, аудитехника ва ғайра) афзалият, камбудӣ ва хатарҳои истифодаи ин воситаҳоро ба назар мегирад, барои ташкил кардани раванди таълим воситаҳои зарурии аудио - визуалиро дуруст интихоб мекунад, исстифодаи техникаи компютерӣ, алоқаи электронӣ ва сайтҳои зарурииро медонад, аҳамияти асбобҳои айниро барои фароҳамсозии раванди самараноки таълим метавонад, бо истифодаи асбобҳои айёнӣ чорабиниҳои омӯзишӣ мегузаронад,

асбобҳои айёниро мақсаднок интихоб ва тайёр мекунад, навъҳои гуногуни асбобҳои айёниро ҳангоми машғулият самаранок истифода мебарад (овезаҳо, харитаҳои технологӣ), афзалият ва камбудиҳои истифодаи асбобҳои айёниро ҳамчун воситаи таълим медонад, таъинот ва нақши энерҷейзерҳоро дар раванди таълим медонад, ва фаҳмонида метавонад бо истифодаи энерҷейзерҳо чорабиниҳои омӯзишӣ мегузаронад, хусусият, қоида ва қадамҳои ташкил ва гузаронидани энерҷейзерҳоро медонад, энерҷейзерҳоро ҳамчун воситаи фаъолсозии раванди таълим, тағйир додани фазои руҳӣ, ҷисмонӣ, аз як давраи таълим ба дигараш гузаштан истифода мебарад, афзалият ва хатарҳои энерҷейзерро ҳамчун воситаи раванди таълим медонад.

**Мавзӯи 5. Усулҳои хондану иҷрои нақшаҳо ва эскизҳо (2 - соат назариявӣ, 2 - соат амалӣ)**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Маълумот дар бораи аҳамияти нақшаву эскизҳо дар хоҷагии халқ.**

Омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд: Тарзу усулҳои хондану иҷрои нақшаю эскизҳоро медонад ва ба хонандагон фаҳмонда метавонад, дар бораи сохти дарунии маснуот, буриш, буришгоҳ маълумоти кофи дорад, дар бораи тасвир (нақша), ҳосил кардани намудҳо, тасвирҳои айёни тасаввурот дорад ва иҷрои онҳоро ба хонандагон фаҳмонида метавонад.

**Мавзӯи 6. Методикаи таълими санъати тасвирӣ дар синфҳои алоҳида (1 - соат назариявӣ 5 - соат амалӣ)**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.** Мақсадҳои таълим, таълими санъати тасвирӣ дар синфи 5, таълими санъати тасвирӣ дар синфи 6, таълими санъати тасвирӣ дар синфи 7, муносибат бо хонанда.

Омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд: Ҳадафҳои раванди таълим, ки бояд ба онҳо расид, дақиқ ва возеҳ муайян менамояд, ба васеъшавии ҷаҳонбинӣ, мустақилӣ ва андешаронии танқидии хонандагон мусоидат

мекунад. Васеъ намудани фаҳмиши хонандагон оид ба қонуниятҳои асосии перспективаи хаттӣ ва ҳавоӣ, нуру соя, ранг, штрих ва моҳирона истифода бурдани онҳо дар расмкашӣ, корҳои ороишӣ ва тарзи навиштани ҳарфҳои чопиро ба хонандагонро шинос намуда, эҳсосоти зебопарастиро дар расм инъикос менамояд, таҳлил намудани вазъи ҷойгиршавӣ, шакл, конструксия, муносибати тобиши рангҳо, ранги ашёҳои тасвиршаванда, муқоиса намудани расми кашида бо ашёи тасвирро ба хонандагон фаҳмонида метавонад. Аз худ намудани асосҳои назариявӣ перспективӣ, тасвир намудани тобишҳои ранг, эҷодкорӣ дар композитсия, фарқияти хусусиятҳои жанри санъати тасвириро медонад, ба хонандагон мустақилона баён намудани зебогии аслии ашё ва дар расм тасвир карда тавонистани тасавуроти худро талқин менамояд, ба хонандагон мароқовару пурмазмун истифода бурдан ва ба анҷом расонидани композитсияро меомӯзонад, ҳамоҳангии ранг, дурахшонии рӯшноию сояафканӣ, тарзи дурусти кор бо қалам, ранги акварелиро меомӯзонад, истифода бурдани расмҳои гуногун дар корҳои ороишӣ (иллюстратсия) - ро мефаҳмонад, дар ҳолатҳои вазнин вобаста ба аксуамали хонанда дар раванди таълим, лаёқати аз вазъият баромаданро дорад (хасташавӣ, бетоқатӣ, худсобиткунӣ ва ғайра), ба баҳои танқидии фаъолияти худ аз тарафи директор ва муовини ӯ бо таҳаммул эътино мекунад.

**Мавзӯи 7. Методикаи таълими нақшакашӣ дар синфҳои алоҳида (1 - соат назариявӣ. 1 - соат амалӣ)**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.** Таълими нақшакашӣ дар синфи 8, таълими нақшакашӣ дар синфи 9. Омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд салоҳияти зерин шаванд: Намудҳои машғулиятҳои амалиро медонад ва фарқ мекунад, ташкил ва пайдарпай гузаронидани машғулиятҳои амалиро медонад.

Ба хонандагон ҳалли чунин масъалаҳоро меомӯзонад: созишҳои геометрии соддатарин; қоидаҳои қайду тартиб додани ҳуҷҷатҳои конструксионӣ; асосҳои проексияи росткунҷа, фаҳмиш оид ба усулҳои сохтани проексияи астрономии содда.

**Мавзӯи 8. Техникаи иҷрои нақшаҳо ва ороиши онҳо (2 - соат назариявӣ, 2 - соат амалӣ)**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.** Омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд инро донанд: Техникаи иҷрои нақша, нақша дар системаи проексияи росткунҷа.

Омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд: Ба хонандагон ҳалли чунин масъалаҳоро меомӯзонад: тарзи дурусти истифодаи абзорҳои нақшакашӣ; дуруст ташкил кардани ҷойи кор; риояи стандартҳо ва қоидаҳои нақшакашӣ; сохтани проексияи ҷисмҳо; навиштаҷоти асосӣ, андозгузорӣ масштабҳо ва ғайра.

**Мавзӯи 9. Нақша системаи проэксияҳои росткунҷа ( 2- соат назариявӣ, 2 - соат амалӣ)**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассиҳои таҳсилоти умумӣ.** Техникаи иҷрои нақша, нақша дар системаи проексияи росткунҷа.

Омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд: Ба хонандагон ҳалли чунин масъалаҳоро меомӯзонад: тарзи дурусти истифодаи обзорҳои нақшакашӣ; дуруст ташкил кардани ҷойи кор риояи стандартҳо ва қоидаҳои нақшакашӣ сохтани проексияи ҷисмҳо; навиштаҷоти асосӣ, андозагузорӣ масштабҳо ва ғайра.

**Мавзӯи 10. Проексияи аксонометрӣ.Хондан ва иҷрои нақшаҳои бинокорӣ (2 - соат назариявӣ, 2 - соат амалӣ)**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.**

Омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд инро донанд:

Проексияи фронталии диантрӣ ва изометрӣ, расми техникӣ.

Омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд: Ба хонандагон доир ба тасвирҳои аёнӣ, намудҳо ва

қоидаҳои кашидани онҳо маълумот медиҳад, маълумот дар бораи проексияҳои аксонометрии шаклҳои ҳамвор ва ҷисми ҳамворрӯяро мефаҳмонад, мафҳумҳои эскиз, расми техникӣ, аксонометрияро ба хонандагон фаҳмонида метавонад. Нақшаҳои бинокорӣ. Омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд салоҳияти зерин шаванд: Доир ба хондан ва иҷрои нақшаҳои бинокорӣ маълумот дорад ва ба хонандагон маълумот дода метавонад, мафҳумҳои ном, тарҳ, буришгоҳ, нақшаҳои конструксияро ба хонандагон кушода дода метавонад.

**Мавзӯи 11. Асбобҳои ченкунанда ва усулҳои андозагирӣ (1 - соат назариявӣ, 1 - соат амалӣ)**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.**

Асбобҳои ченкунанда ва усулҳои андозагирӣ. Ранг чист. Тасвири манзара бо рангҳои обӣ. Ҷилову дурахши рангҳо махсусан дар айёми ивазшавии фаслҳои сол фарорасии мавсими нав баръало ҳис мегарданд. Эҷодкор аз табиат нафақат илҳом мегирад, инчунин мехоҳад рангу таровати табииро инъикос намояд.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.** Дастур оид ба гузаронидани имтиҳонҳои тестӣ. Омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шаванд: Доир ба фанни худ тибқи идаҳои мавҷуда тестҳои ҷорӣ ва ҷамъбастиро тартиб дода метавонад.

## 2. Мавзӯҳои иловагии алтернативӣ

| № | Қисмҳои барнома | Микдори соат |
|---|---|---|

| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
|---|---|---|---|---|
| | | 10 | 4 | 6 |
| 2.1. | Проексиясозии росткунҷагӣ дар ҳамвориҳои проексионӣ. | 4 | 2 | 2 |
| 2.2. | Усулҳои сохтани проексияҳои аксонометрӣ. | 4 | 2 | 2 |
| 2.3. | Сохтани проексияҳои аксоно - метрии ҷисмҳои сатҳашон мудаввар. Самаранокии усулҳои омӯзиш дар раванди таълими фанни технологияи иттилоотӣ | 2 | - | 2 |

**Эзоҳ: Шунавандагон метаввонанд мавзуъҳои иловагии алтернативии накшаи мазкур дар доираи соатҳои муайянгардида мавзуъҳои дилхоҳи худро интихоб намоянд.**

**Мавзуи 2.1 "Проексияҳои росткунҷагӣ дар ҳамвориҳои проексионӣ." (4 - соат. 2 - соат назариявӣ, 2 - соат амалӣ).**

Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгорони фанни нақшакашии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ: Барои рушди таълими салоҳиятнокии хонандагон ва сохтани проесияҳои аксонометрӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда тавонанд: Дар вақти иҷрои корҳои графикию амалӣ онро дар амал татбиқ карда тавонад: Дар раванди омӯзиши проексиясозӣ дар 3 ҳамвориҳои проексионӣ, яъне проексияҳои фронталӣ, (самти назар) горизонталӣ, (намуд аз боло) паҳлуӣ (профилӣ) аз навъҳои

гуногуни методҳои таълими муосир ва аёнияту воситаҳои техникии таълим истифода бурда тавонад.

**Мавзуи 2.2 “Усулҳои сохтани проексияҳои аксонометрӣ”. (4 - соат. 2 - соат назариявӣ, 2 - соат амалӣ).**

Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгорони фанни нақшакашӣ: Барои рушди салоҳияти хонандагон ва омӯзиши усулҳои сохтани проексияҳои аксонометрӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда тавонад: Дар хусуси сохтани проексияҳои “изометрӣ” ва “диметрӣ” маълумоти пурра дошта бошад: Аз методҳои муосири ва воситаҳои техникии таълим истифода бурда, тарзу усулҳои сохтани проексияи аксонометриро ба хонандагон фаҳмонида тавонад.

**Мавзуи 2.3 “Сотани проексияҳои аксонометрии ҷисмҳои сатҳашон мудаввар.” (2 - соат).**

Талабот ба дониш ва салоҳиятҳои омӯзгорони фанни нақшакашии МТМУ: Сохтани проексияҳои аксонометрии ҷисмҳои шаклашон мудавварро дар амал татбиқ кунад ва ба хонандагон фаҳмонида тавонад: Тарзи сохтани хатҳои тириро дар кунҷҳои гуногун ва чен карда андоза гузоштани онро донанд: Гуногуншаклии проексияҳои изометрӣ ва диметриро донанд ва онро дар амал иҷро карда тавонад: Доири омӯзиши мавзуъ аз усулҳои нави таълим ва айёнияту расмҳои таълимӣ истифода бурда тавонад.

## Рӯйхати адабиёт


**1.** Бойназаров Б. Санъати тасвирӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 5-7. Душанбе, 2005.

**2.** Ҷураев Т. Қ. Нақша. Китоби дарсӣ барои синфҳои 8- 9 мактаби миёнаи умумӣ - Душаенбе: 2004. - 200 с.

**3.** Селевко Г. К. Современные образовательные технологии. Москва, 1998 г.

**4.** Ғуломнабиев С. Дастурамали мухтассар оиди истифодаи барномаи IEDoard 7, барои тахтаи электронӣ.

**5.** Сафин Д.В. Мусина Р.Г. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури методӣ. Душанбе, 2006.

**6.** Иоффе А. Н. Методикаи фаъолгаравӣ муваффақият мебошад. Таҳсилоти шаҳрвандӣ. Маводи лоиҳаи байлалмиллалӣ. СПБ. Нашриёти РГПУ БА НОМИ А.И. Гертсен, 2000. – 382 с.

**7.** Плахова Л.М. Как сделать хорошую школу? Изд. Психологический поиск. Москва, 2002.

**8.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”.- Душанбе, 2013.

**9.** Стратегияи рушди соҳаи маориф то соли 2020. – Душанбе, 2020.